**ТДУ 636.39.26.**

# ТАҒЙИРЁБИИ ВАЗНИ ЗИНДАИ БУЗҒОЛАҲОИ МАҲАЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Сафаров Т.С.-** н.и.к., омӯзгори калони ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур

***Калимаҳои калидӣ:*** *бузи маҳаллӣ, такачаҳо, модабузғолаҳо, рушд, вазни зинда, вазнафзункунӣ, минтақа, шимолӣ, ҷанубӣ, марказӣ.*

Бузҳои зоти маҳаллӣ натиҷаи хостагии табиӣ якчанд асра буда, маҳсули халқҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Ин зоти бузҳо ба шароити гармӣ ва сардӣ, инчунин камхӯрокии чарогоҳҳо хело хуб мутобиқ гаштаанд. Тамоми зотҳои мавҷудаи пашмдеҳ, тибитдиҳанда ва ширӣ дар Осиёи Марказӣ дар натиҷаи ҷуфтикунонии бузҳои маҳаллӣ бо зотҳои маданӣ ворид карда шуда, офарида шудааст. Дар ин ҳолат дурагаҳо аз такаҳои маҳаллӣ хусусиятҳои мутобиқшавӣ ба муҳити атроф, пуртоқатӣ, конситутсияи мустаҳкамро ба мерос гирифтаанд.

Гарчанде, бузҳои маҳаллӣ нисбатан зудрас нестанд, аммо аз рӯйи маҳинии тибит, баромади тозаи гӯшт ва сернаслӣ, инчунин ба шароити доимо нигоҳдории чарогоҳӣ дар байни зотҳои бузҳо беҳамтоянд. Баъзе шахсон инро ба назар намегиранд ва гуё ин нишондодҳо арзишнок нестанд.

Аз ин рӯ, ҳифз намудан ва нигоҳдории бузҳои маҳаллӣ, ки аз давраҳои қадим то ба имрӯз хусусиятҳои арзишии худро гум накардаанд, басо муҳим буда, омӯхтани тағйирёбии вазни зиндаи наслҳои онҳо дар шароити доимо нигоҳдории чарогоҳӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ аҳамияти илмиву амалӣ дорад.

Маълум гардидааст, ки назорат оид ба зиёду камшавии вазни зиндаи чорво бо роҳи баркаш намудан, ҳисоб намудани вазнафзункунии мутлақ, шабонарӯзӣ ва нисбӣ ба даст меояд. Мо низ дар вақти таҳқиқот аз ин усул истифода бурда тағйирёбии вазни зиндаи бузғолаҳои маҳаллиро вобаста аз синну сол, ҷинс ва минтақаи парваришашон муайян намудем, ки натиҷаи он дар расмҳои 1 ва 2 оварда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мо нишон дод, ки вазни зиндаи такача ва модабузғолаҳои ҷанубӣ ҳангоми таваллуд нисбат ба такачаву модабузғолаҳои минтақаи шимолу марказӣ зиёдтар буд.Вазни зиндаи такачаҳоиаз модабузҳои минтақаи ҷанубӣ таваллудшуда нисбат ба ҳамсолони худ аз минтақаи шимолӣ 0,97 кг ва ё 29,3% (Р>0,999) ва аз такачаҳои минтақаи марказӣ 0,5 кг ва ё 15,1% (Р>0,999) зиёдтар буд. Ҳангоми таваллуд вазни зиндаи модабузғолаҳои аз модабузҳои ҷанубӣ гирифта шуда, нисбат ба ҳамсолони худ аз минтақаи шимолӣ ва марказӣ мутаносибан: 0,4 кг ё ин ки 14,2% ва 0,3 кг ё ин ки 10,7% зиёдтар буд, аммо ин фарқият боэътимод нест. Маълум аст, кинисбатан ҳайвоноти ширхӯр дар синни ҷавонӣ рушдуинкишофашон босуръат мешавад ва он бевосита аз серширии модарошон вобаста аст.




**Расми 1. – Вазни зиндаи такача, кг.**

Аз рӯйи далелҳои Ф.Х. Мамадалиев (1991) серширии модабузҳоро аз рӯйи рушд ва такомули бузғолаҳо то синни 2-моҳагӣ маълум кардан мумкин аст. Бузғолаҳо баъди таваллуд ва дар давраи моҳи охири ширхӯрӣ дараҷаи инкишофи гуногуни интенсивиро доро буданд. Нисбатан инкишофи босуръат дар бузғолаҳои ҷанубӣ мушоҳида карда шуд.

Дар расми 1 нишондодҳои вазни зиндаи таккачаҳо ҳангоми ҷудо намудан аз модабузҳо (дар синни 5-моҳагӣ) оварда шудааст. Агар ҷӣ бузғолаҳо то аз модабузҳо ҷудо намудан, танҳо аз растаниҳои чарогоҳӣ ҳамчун хӯрок истифода намудаанд (бе додани хӯроки иловагӣ ё ин ки хӯрокҳои серғизо) вазнафзункунии онҳо назаррас аст. Ҳамин тариқ, то давраи аз модабузҳо ҷудо намудани такачаҳои шимолӣ нисбат ба вазни зиндаи таваллудшудаашон 5,9 маротиба, такаҳои марказӣ ва ҷанубӣ 4,7 маротиба вазнашон

зиёд гардидааст, ин нишондод мутаносибан дар модабузғолаҳо:4,5;4,2ва 4,4 маротибаро ташкил додааст.

Вазнафзункунии шабонарӯзии такачаҳои минтақаи шимолӣ 63 г, марказӣ – 57 г, ҷанубӣ -67г-ро ташкил додааст. Дар модабузғолаҳо ин нишондод мутаносибан: -47 г; 45г; 53 г-ро ташкил дод. Дар маҷмӯъ вазни зиндаи такачаҳо дар синни 6-моҳагӣ 14,2 кг ва модабузғолаҳо 11,4 кг-ро ташкил дод, ки нисбат ба модабузғолаҳо вазни зиндаи такачаҳо 2,8кг ё ин ки 19,7% зиёдтар аст.




**Расми 2. – Вазни зиндаи модабузғолаҳо, кг.**

Ҳангоми аз модабузҳо ҷудо намудани таккаҳои минтақаи ҷанубӣ вазни зиндаи онҳо нисбати ҳамсолони худ дар дигар минтақаҳо зиёдтар мушоҳида карда шуд. Чунончӣ, вазни зиндаи такаҳои минтақаи ҷанубӣ 2,1 кг ё ин ки 13,2% нисбат ба такаҳои минтақаи шимолӣ ва 2,6 кг, ё ин ки 16,4% нисбат ба таккаҳои минтақаи марказӣ зиёдтар буд (P>0,999).

Натиҷаи баркаш намудани бузғолаҳо нишон дод, ки баъди аз модабузҳо ҷудо намудан зиёдшавии вазни зиндаи онҳо идома ёфт. Ба ҳисоби миёна вазнафзункунии мутлақ аз синни 5-моҳагӣ то 12-моҳагӣ дар такачаҳо 4,6 кг ва модабузғолаҳо 5,2 кг-ро ташкил дод. Нобоваста аз ҷинс аз давраи таваллуд то синни 18-моҳагӣ вазни зиндаи бузғолаҳо 9,3 маротиба зиёд гардидааст.

Дар ҷадвалҳои 1 ва 2 вазнафзункунии мутлақ, шабонарӯзӣ ва нисбии бузғолаҳои маҳаллӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 1 - Вазнафзункунии мутлақ, шабонарӯзӣ ва нисбии такачаҳо**

| Минтақаҳои ҷумҳурӣ | n | Синну сол, моҳ | Вазнафзункунии мутлақ, кг | Вазнафзункунии шабонарӯзӣ, г | Вазнафзункунии нисбӣ, % |
|---|---|---|---|---|---|
| Шимолӣ | 25 | аз таваллуд то 5 моҳагӣ | 11,37 | 63 | 142 |
| | 25 | аз 5 то 12-моҳагӣ | 4,3 | 23 | 27,21 |
| | 25 | аз 12 то 18-моҳагӣ | 10,7 | 59 | 45,92 |
| | 25 | аз таваллуд то 18 моҳагӣ | 26,37 | 48 | 170 |
| Марказӣ | 25 | аз таваллуд то 5 моҳагӣ | 10,4 | 58 | 130 |
| | 25 | аз 5 то 12-моҳагӣ | 4,1 | 22 | 26,9 |
| | 25 | аз 12 то 18-моҳагӣ | 10,5 | 57 | 46,6 |
| | 25 | аз таваллуд то 18 моҳагӣ | 25,0 | 46 | 163 |
| Ҷанубӣ | 25 | аз таваллуд то 5 моҳагӣ | 12,5 | 69 | 131 |
| | 25 | аз 5 то 12-моҳагӣ | 5,4 | 30 | 29,1 |
| | 25 | аз 12 то 18-моҳагӣ | 9,87 | 54 | 37,8 |
| | 25 | аз таваллуд то 18 моҳагӣ | 27,7 | 51 | 161 |

Аз рақамҳои ҷадвал маълум аст, ки дар тамоми бузғолаҳо рушди босуръат аз давраи таваллуд то синни 5- моҳагӣ мушоҳида карда шудааст.

Вазнафзункунии такачаҳои ҷанубӣ дар ин давра 12,5 кг –ро ташкил дода, аз ҳамсолони шимолии худ 1,13 кг (9,0%) ва аз такачаҳои марказӣ 2,1 кг (16,8%) бартарӣ доштанд.

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки аз синни 5 то 12-моҳагӣ дар тамоми гурӯҳи бузғолаҳои таҷрибавӣ яку якбора вазнафзункунии мутлақ кам гардид. Новобаста аз он дар ин давра такачаҳо нисбат ба модабузғолаҳо вазнафзункунии мутлақашон 39,9% бартарӣ дошт. Дар ин давра вазнафзункунии шабонарӯзии онҳоаз 22 то 30 г-ро ташкил дод. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давраи зимистон дар шароити нигоҳдории чарогоҳӣ шароити хӯронидан ва нигоҳдории бузҳо каме бад мешавад.

**Ҷадвали 2. - Вазнафзункунии мутлақ, шабонарӯзӣ ва нисбии модабузғолаҳо**

| Минтақаҳои ҷумҳурӣ | n | Синну сол, моҳ | Вазнафзункунии мутлақ, кг | Вазнафзункунии шабонарӯзӣ, г | Вазнафзункунии нисбӣ, % |
|---|---|---|---|---|---|
| Шимолӣ | 25 | аз таваллуд то 5 моҳагӣ | 8,6 | 47 | 128 |
| | 25 | аз 5 то 12-моҳагӣ | 5,0 | 27 | 37,0 |
| | 25 | аз 12 то 18-моҳагӣ | 10,5 | 58 | 49,5 |
| | 25 | аз таваллуд то 18 моҳагӣ | 24,1 | 44 | 167 |
| Марказӣ | 25 | аз таваллуд то 5 моҳагӣ | 8,2 | 45 | 124 |
| | 25 | аз 5 то 12-моҳагӣ | 4,7 | 26 | 36,1 |
| | 25 | аз 12 то 18-моҳагӣ | 8,9 | 49 | 44,9 |
| | 25 | аз таваллуд то 18 моҳагӣ | 21,8 | 40 | 162 |
| Ҷанубӣ | 25 | аз таваллуд то 5 моҳагӣ | 9,7 | 53 | 126 |
| | 25 | аз 5 то 12-моҳагӣ | 5,9 | 32 | 38,3 |
| | 25 | аз 12 то 18-моҳагӣ | 10,3 | 57 | 43,8 |
| | 25 | аз таваллуд то 18 моҳагӣ | 25,9 | 47 | 164 |

Баъди аз модабузҳо ҷудо намудани бузғолаҳо вазнафзункунии шабонарӯзии онҳо мунтазам кам мегардад. Ин нишондод дар такачаҳо 39,6% ва модабузғолаҳо то 48,3%- ро ташкил медиҳад. Муқоиса аз давраи ширхӯрӣ кам гардидани вазнафзункунии бузғолаҳо аз он шаҳолат медиҳад, ки нахӯрдани шири модабузҳо ва оғоз ёфтани давраи ба балоғатрасии ҷинсии онҳост.

Нисбатан вазнафзункунии муътадили ҷавонаҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ аз синни 12 то 18 моҳагӣ мушоҳида карда шуд. Дар ин давра вазнавзункунии шабонарӯзии такачаҳо 57 г ва мода бузғолаҳо 54,6 г-ро ташкил дод.

Ҳамин тарв, аз таваллуд то синни 18-моҳагӣ вазнафзункунии бузғолаҳои таҷрибавии минтақаи ҷанубӣ нисбат ба ҳамсолони худ дар минтақаҳои шимолӣ ва марказӣ бартарӣ доштанд. Ин нишондод дар байни такачаҳои минтақаҳои ҷанубӣ ва шимолӣ3,0г (5,88%), нисбат ба такачаҳои минтақаи марказӣ бошад, 5,0г (9,8%) фарқият дошт.

Нисбатан нишондоди баланд дар модабузғолаҳои минтақаи ҷанубӣ ба мушоҳида расид, ки нисбат ба ҳамсолони худ дар минтақаи шимолӣ парваришёбанда 6,8% ва нисбати модабузғолаҳои минтақаи марказӣ 14,8% бартарӣ доштанд.

Суръати рушди чорво яке аз нишондодҳои муҳими хусусияти хоҷагии он ба шумор меравад, чунки чорвои тезрас нисбат ба чорвои деррас нисбатан ба ҳар як киллограми вазни зиёдшудааш камтар моддаҳои ғизоиро сарф мекунад. Аз ин рӯ, усули муайян намудани рушди чорво, на ин ки танҳо дар корҳои таҳқиқотӣ, инчунин дар амалия низ васеъ истифода бурда мешавад. Вазни зиндаи чорво мумкин аст гуногун рушд намояд. Бо вуҷуди он на ҳамавақт рушди чорворо аз рӯйи вазнафзункунии мутлақ тавсиф додан мумкин аст. Бинобар он ба энергияи рушди чорво вобаста аз синну сол дар асоси вазнафзункунии нисбӣ бояд аҳамият дод. Аз ин рӯ, мо коэффитсиенти рушди бузғолаҳои таҷрибавиро вобаста аз минтақаи парвариш ва шароити доимо нигоҳдории чарогоҳӣ ҳисоб намудем.

Таҳлили ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки коэффитсиенти рушди бузғолаҳо дар фосилаҳои гуногун фарқияти назаррасро дороянд. Нисбатан коэффитсиенти рушди баланд дар давраи таваллуд то 5-моҳагии бузғолаҳо ба мушоҳида расид, ин нишондод дар ин давра новобаста аз ҷинс ва минтақаи парвариш ба ҳисоби миёна зиёда аз 4,85 маротиба зиёд гардид.

**Ҷадвали 3 - Коэффитсиенти рушди вазни зинда**

| Минтақаҳои ҷумҳурӣ | Синну сол, моҳ | Коэффитсиенти рушд | | |
|---|---|---|---|---|
| | | ба ҳисоби миёна | такачаҳо | модабузғолаҳо |
| Шимолӣ | аз таваллуд то 5 моҳагӣ | 5,15 | 5,8 | 4,5 |
| | аз 5 то 12-моҳагӣ | 1,35 | 1,3 | 1,4 |
| | аз 12 то 18-моҳагӣ | 1,55 | 1,5 | 1,6 |
| | аз таваллуд то 18- моҳагӣ | 10,6 | 10,2 | 11,0 |
| Марказӣ | аз таваллуд то 5 моҳагӣ | 4,45 | 4,7 | 4,2 |
| | аз 5 то 12-моҳагӣ | 1,35 | 1,3 | 1,4 |
| | аз 12 то 18-моҳагӣ | 1,55 | 1,6 | 1,5 |
| | аз таваллуд то 18- моҳагӣ | 9,8 | 9,9 | 9,7 |
| Ҷанубӣ | аз таваллуд то 5 моҳагӣ | 4,55 | 4,7 | 4,4 |
| | аз 5 то 12-моҳагӣ | 1,35 | 1,3 | 1,4 |
| | аз 12 то 18-моҳагӣ | 1,45 | 1,4 | 1,5 |
| | аз таваллуд то 18 -моҳагӣ | 9,75 | 9,3 | 10,2 |

Чун қоида балоғатрасии ҷинсӣ ба нишондодҳои коэффитсиенти рушди бузғолаҳои таҷрибавӣ бевосита таъсир расонид. Дар 5 моҳи аввали давраи баъд аз таваллуд такачаҳо

нисбат ба модабузғолаҳо бартарӣ доштанд, аммо баъди он нишондодҳои коэффитсиенти рушд оҳиста-оҳиста кам гардида баробар шуд.

Таҳлили тағйирёбии вазни зиндаи бузғолаҳо нишон дод, ки аз рӯйи нишондоди тезрасӣ ҷавонаҳои минтақаи ҷанубӣ беҳтар буданд. Ҳамин тариқ, вазни зиндаи бузғолаҳои навтаваллудшудаи минтақаи ҷанубӣ 5,70%, бузғолаҳои минтақаи марказӣ 5,51% ва бузғолаҳои навтаваллудшудаи минтақаи шимолӣ 5,09%- вазни зиндаи модабузҳои калонсолро доро буданд. Ин нишондод дар синни 5-моҳагӣ мутаносибан: 25,7; 23,6; 23,3%-ро ташкил дод.

Дар маҷмӯъ агар тезрасии бузғолаҳоро дар минтақаҳо алоҳида таҳлил кунем, бартариро ҷавонаҳои минтақаи ҷанубӣ ишғол менамоянд.

Қонуниятҳои коэффитсиенти рушд, ки дар боло оварда шудааст, бевосита ба нишондодҳои тезрасии вазни зиндаи бузғолаҳои таҷрибавӣ таъсир мерасонад.

Ба туфайли суръати зиёди вазни зинда аз таваллуд то синни 18-моҳагӣ модабузғолаҳо 56,2% вазни зиндаи модабузҳои калонсолро соҳиб гардиданд, ки нисбат ба ҳамсолони худ (такаҳо) 12,9% зиёдтар аст.

Ҳамин тарз, баҳодиҳии муқоисавии вазни зиндаи бузғолаҳои маҳаллӣ нишон дод, ки нишондодҳои нисбатан баландро бузғолаҳои минтақаи ҷанубӣ ишғол намуда, бузғолаҳои минтақаи марказӣ аз ҳама нишондодҳои пастро доро буда, бузғолаҳои минтақаи шимолӣ мавқеъи миёнаро ишғол менамоянд.

## АДАБИЁТ

1. Мамадалиев Ф.Х. Научные основы повышения продуктивности и племенных качеств пуховых коз Узбекистана / Ф.Х. Мамадалиев // Дисс. д- ра с.-х. наук.- Ташкент, 1991. -375с.


## АННОТАЦИЯ
## ИЗМЕНЕНИЕ ЖИВОЙ МАССЫ МЕСТНЫХ КОЗЛЯТ ТАДЖИКИСТАНА

В статье приводятся результаты исследования изменение живой массы козлят местных коз Таджикистана в различных регионах (северный, южный, центральный) республики. Анализ изменения живой массы козлят показывает, что по скороспелости лучшими являются молодняк Южного региона. Так, в частности, при рождении живая масса козочек, от живой массы взрослых животных, составила 5,70%, Центрального –5,51% и Северного региона – 5,09%. Этот показатель в 5 месячном возрасте соответственно составлял 25,7; 23,6; 23,3%. Благодаря более высоким темпам весового роста в период от рождения до 18- месячного возраста, козочки достигли в среднем 56,2% живой массы взрослых козоматок, что на 12,9% больше, чем у сверстниц.


***Ключевые слова:*** *местные козы, козлики, козочки, рост, живая масса, прирост, регион, северный, южный, центральный.*


## ANNOTATION
## CHANGIND THE ALIVE WEIGHT OF LOCAL GOATS OF TAJIKISTAN

In this article is giving the learning of results the changing the alive goats weight of local goats of Tajikistan in various regions (northern, southern, central) in the republic. The results analysis of the changing of the alive weight of goat lings shows, that young animals of the Southern region are the best in early maturity. So, in particular, at birth, the alive weight of goats from the alive weight of adult animals was 5,70%, in the Central – 5,51% and in the Northern region is – 5,09%. This indicator of 5 months ages, respectively, was 25,7; 23,6; 23,3%. Due to the higher rates of weight growth in the period from birth to 18 months ‘age, the goats reached an average of 56,2% of the live weight of adult goats, which is 12,9% more than among their peers.


***Key words:*** *local goats, kids, goats, growth, alive weight, gain, region, northern, southern, central.*